# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ҚАРОР

## Дар бораи Тартиби ташкил намудани дидбонгоҳҳои андозӣ ва назорати андози ҳаҷми истеҳсол (ба зарфҳо рехтан), нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл ва аз ҳудуди бинои истеҳсолӣ берун баровардани маҳсулоти зераксизии спиртдор, ғайриспиртӣ ва (ё) тамоку, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол мешаванд, инчунин содироти он берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мутобиқи қисми 4 моддаи 44, қисми 1 моддаи 291 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Тартиби ташкил намудани дидбонгоҳҳои андозӣ ва назорати андози ҳаҷми истеҳсол (ба зарфҳо рехтан), нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл ва аз ҳудуди бинои истеҳсолӣ берун баровардани маҳсулоти зераксизии спиртдор, ғайриспиртӣ ва (ё) тамоку, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол мешаванд, инчунин содироти он берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2004, №497 "Оид ба назорати истеҳсол ва муомилоти маҳсулоти зераксизӣ" аз эътибор соқит дониста шавад.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе,

аз 12 июни соли 2023, № 264

Ба қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 12 июни соли 2023, № 264

тасдиқ шудааст

## Тартиби ташкил намудани дидбонгоҳҳои андозӣ ва назорати андози ҳаҷми истеҳсол (ба зарфҳо рехтан), нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл ва аз ҳудуди бинои истеҳсолӣ берун баровардани маҳсулоти зераксизии спиртдор, ғайриспиртӣ ва (ё) тамоку, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол мешаванд, инчунин содироти он берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Тартиби ташкил намудани дидбонгоҳҳои андозӣ ва назорати андози ҳаҷми истеҳсол (ба зарфҳо рехтан), нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл ва аз ҳудуди бинои истеҳсолӣ берун баровардани маҳсулоти зераксизии спиртдор, ғайриспиртӣ ва (ё) тамоку, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол мешаванд, инчунин содироти он берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, (минбаъд **Тартиб**) қоидаҳои муқаррар ва расмиёти ташкили кори дидбонгоҳҳои андозиро бо мақсади ба роҳ мондани назорати иловагӣ, аз ҷумла барои ҳаҷми истеҳсол (ба зарфҳо рехтан), нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл ва аз ҳудуди бинои истеҳсолӣ берун баровардан, инчунин содироти маҳсулоти зераксизии спиртдор, ғайриспиртӣ ва (ё) тамокуи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолнамударо муайян менамояд.

2. Дидбонгоҳҳои андозӣ дар чунин ҳолатҳо ташкил карда мешаванд, агар:

- истеҳсолкунандаи молҳои зераксизӣ низоми электронии тамғагузории молиро надошта бошад;

- андозсупоранда мунтазам ҳисоботи сифрӣ пешниҳод намояд;

- тамоюли коҳишёбии нишондиҳандаҳои молиявии андозсупоранда 3 моҳи пайдарпайро дар бар гирад;

- муҳлати пардохт нашудани қарзи андозӣ зиёда аз 6 моҳро ташкил кунад;

- дар ҳисоботи андоз ва ҳисоботи расмии омории истифодабарандагони захираҳои табиӣ номутобиқатӣ ошкор гардад.

3. Дидбонгоҳи андозӣ бо мақсади назорати иловагии молҳои зераксизӣ ва фаъолияти дигари субъектҳои соҳибкорӣ ҳангоми ба миён омадани ҳолатҳои дар банди 2 Тартиб пешбинигардида дар ҳудуд ва ё маҳалли ҷойгиршавӣ ва дар реҷаи кории субъекти соҳибкорӣ, ё дар нуктаҳои барасмиятдарории гумрукӣ ташкил карда мешавад.

4. Мақомоти ҳудудии андоз ҷиҳати ташкили дидбонгоҳҳои андозӣ ҳар семоҳа номгӯйи андозсупорадагони ба ҳолатҳои зикргардидаи банди 2 Тартиб мансуббударо бо маълумотномаи асоснок ба Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Кумитаи андоз) пешниҳод менамоянд.

5. Кумитаи андоз дар асоси маълумоти пешниҳоднамудаи мақомоти ҳудудии андоз номгӯйи субъектҳоеро, ки нисбат ба фаъолияти онҳо дидбонгоҳи андозӣ ташкил карда мешавад, тасдиқ намуда, дар ин хусус ба чунин субъектҳо тибқи талаботи моддаи 87 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли хаттӣ ё электронӣ огоҳинома ирсол менамояд.

6. Ба шахсони мансабдори мақомоти андозе, ки масъули дидбонгоҳи андозӣ мебошанд, ворид шудан ба маҳалли фаъолияти андозсупоранда бо пешниҳоди фармоиши мақоми ваколатдори давлатӣ ва шаҳодатномаи хизматӣ иҷозат дода мешавад.

7. Субъектҳое, ки дар фаъолияти онҳо дидбонгоҳи андозӣ ташкил карда мешавад ба шахси мансабдори мақомоти андоз ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳои дар банди 9 Тартиб пешбинишуда, ҳуҷраи алоҳидаи корӣ ҷудо менамоянд.

8. Дар сурати монеъ шудани андозсупоранда ба воридшавии шахси мансабдори мақомоти андоз ба макони фаъолияти ӯ шахси мансабдори мақомоти андоз дар ин хусус санад тартиб дода, ба мақомоти дахлдори ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат менамояд. Дар ин сурат, воридшавии шахси мансабдори мақомоти андоз дар ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таъмин карда мешавад.

9. Шахсони мансабдори мақомоти андоз, ки масъули дидбонгоҳи андозӣ мебошанд, уҳдадоранд корҳои зеринро иҷро намоянд:

- ҳаҷми бақияи мол, ашёи хом, нишондоди ҳисобкунакҳо ва тамғаҳои аксизиро дар муқоиса бо маълумоти ҳисоботӣ ва Низоми ҳамгироии иттилоотии андоз муайян намоянд;

- ҳолатҳои бо ҳуҷҷатҳои қалбакӣ воридот, таҳвил ва қабул намудани молҳо, аз ҷумла молҳои зераксизиро ошкор намоянд;

- ҳолат ва кори дастгоҳҳои ченкунии маҳсулоти тайёрро, ки бо тартиби муқарраршуда муҳрбандӣ карда шудааст, назорат намоянд;

- ҳаҷм ва шумораи молҳои фурӯхташударо бо навиштаҷот дар борхат ва ҳисобнома - фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо муқоиса намоянд;

- ҳангоми ошкор намудани қонуншиканӣ ё мавҷуд будани маълумоти тасдиқшуда молҳои дар воситаҳои нақлиёти аз ҳудуди корхона баромадаистодаро бо навиштаҷот дар борхатҳо муқоиса намоянд;

- бо мақсади назорати шумораи молҳо ва ҳаҷми истеҳсол (ба зарфҳо рехтан), нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл ва аз ҳудуди бинои истеҳсолӣ берун баровардан, инчунин содироти маҳсулоти зераксизии спиртдор, ғайриспиртӣ ва (ё) тамоку шумораи тамғаҳои аксизӣ, этикеткаҳо, зарфҳо ва маводи ёрирасонро назорат намоянд;

- раванди истифодаи тамғаҳои аксизӣ ба маҳсулоти тамғагузоришударо мувофиқи таъинот (намуд, ном ва зарфҳо) назорат намоянд;

- аслӣ будани тамғаҳои аксизӣ (муҳрбандиҳо), нишондодҳои ҳисобкунакҳои дастгоҳҳо, дуруст ва сари вақт дар китобҳои бақайдгирии корхонаҳо сабт шудани нишондодҳоро назорат баранд. Дар ҳолати вайрон гардидани тамғаҳои аксизӣ, канда шудани муҳрбандиҳо фавран ба мақомоти андоз хабар диҳанд;

- дар инвентаризатсияи захираҳои молию моддии корхона, аз ҷумла ҳангоми санҷиши сайёри андоз иштирок намоянд;

- назорати асоснокии борхатҳои молҳои воридшаванда ва содиротшавандаро таъмин намуда, дар борхат ва дафтари қайди дидбонгоҳ сабтҳои дахлдор гузорад;

- ҳангоми бо сабабҳои гуногун муваққатан кор накардани корхона ё ҳолатҳои дигар, тавассути воситаҳои мухталиф назорати молҳои зераксизиро дар коргоҳҳо ва анборҳоро таъмин намоянд;

- ҳангоми зарурат барои ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат намудан ба роҳбарияти мақомоти андоз гузориш пешниҳод намоянд;

- шахсони бо пули нақд харидорикунандаи молҳоро ба қайд гирифта нисбат ба онҳо шаклҳои мухталифи назорати андозиро амалӣ намоянд;

- дуруст ҳисоб ва сари вақт таъмин намудани иҷрои уҳдадориҳои андозиро назорат намоянд;

- баёноти хаттии роҳбарони корхонаро оид ба муваққатан фаъолият накардани коргоҳҳо талаб намоянд;

- дар асоси нишондиҳандаҳои ҳисоби муҳосибӣ воридшавии ашёи хом, истеҳсоли воқеӣ, таҳвили маҳсулоти зераксизиро назорат намуда, ба мақомоти андоз маълумот пешниҳод намоянд.

10. Шахсони масъули дидбонгоҳи андозӣ бо натиҷаи иҷрои корҳои дар банди 9 Тартиб пешбинигардида ҳар моҳ ба мақомоти ҳудудии дахлдори андоз ва мақомоти ҳудудии андоз ҳар семоҳа ба Кумитаи андоз маълумотнома пешниҳод менамоянд. Дар маълумотнома ҳолатҳои вайронкунии қонунгузории андоз дар алоҳидагӣ дарҷ карда шуда, ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда замима карда мешаванд.

11. Аз натиҷаи маълумотномаи тартибдодашуда мақомоти андоз нисбат ба субъект чораҳои пешбининамудаи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро татбиқ мекунанд.

12. Кумитаи андоз бо мақсади андозбандӣ ва назорати иловагии молҳои зераксизӣ ва фаъолияти дигар вобаста ба воридот ва содирот дар мувофиқа бо Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нуқтаҳои барасмиятдарории гумрукӣ дидбонгоҳи андозиро ташкил мекунад.